Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи
ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Амонзода Анушервон Намоз дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, зарурати аз нав дида баромадани механизми мукаммалгардонии ҷараёнҳои идоракунии минтақавии истифодаи захираҳои табиии ҷойдошта дар асоси модернизатсияи иқтисодӣ ба миён омад. Шароити иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки аксарияти он дар шароити номусоиди табиӣ арзи вуҷуд доранд, механизми ягонаи амалкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои табииро тақозо дорад. Бештари муаммоҳои ҷойдошта бидуни беҳтарсозии ҳудуди иқтисодӣ ғайриимкон аст. Муаммои асосӣ дар сохтори ҳудудии иқтисодиёт истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд модернизатсияи иқтисодии фаъолияти истеҳсоли бахши воқеии иқтисодиёт (саноат ва кишоварзӣ) ҳисоб меравад. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи комплексии захираҳои табиӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми амалкарди модернизатсияи иқтисодии фаъолияти истеҳсолии субъектҳои иқтисодӣ вобаста буда, дар асоси он соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ алалхусус (саноат ва кишоварзӣ) фаъолияти худро бо истифодаи захираҳои табиӣ ба роҳ монанд.

Дар автореферат оварда шудааст, ки     Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва дигаргуниҳои сохтории иқтисоди миллӣ вазъи иқтисодии минтақаҳои дохили давлат вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ метавонад тағйир ёбад. Тамоми давлатҳои дунё, алалхусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки тағйирот ва дигаргуниҳои иқтисодӣ ба вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо таъсири мусбӣ расонанд. Дар ин ҳолат метавон гуфт, ки ҳолати кунунӣ беҳтар ме-гардад ва ин ҳолатро дар бештари мавридҳо “модернизатсия иқтисодӣ” ном мебаранд, ки дар иқтисодиёт хусусиятҳои хосро дар худ инъикос менамояд (с. 9-10).

Муаллиф қайд менамояд, ки шарҳи муосири модернизатсия ва моҳияти он дар натиҷаи ошкорсозӣ аз лиҳози системавии ҳодисаҳои иқтисодии ба амал омада баррасӣ карда ме-шавад. Дар бештари корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ қисматҳои ҷузъии назариявии он кушода шудаанд, ки омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалии онро душвор месозанд. Бинобар ин, фаҳмиши консептуалии модернизатсия

дар натиҷаи ба амал омадани меъёрҳои таҳаввулоти ҳаёти иқтисодӣ ва гузариш аз як сатҳ ва тарзи зиндагонӣ ба дигар намуд фаҳмида мешавад. Чунки мақсади ниҳоии модернизатсия аз лиҳози иқтисодӣ ва ошкорсозии хусусиятҳои минтақавии он ин баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад (с. 10-11).

Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба инкишофи ҷанбаҳои назариявӣ-методии иқтисодиёти минтақавӣ, аз ҷумла модернизатсияи минтақа равона карда шудааст. Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳои дар кори илмӣ дарҷ гардида, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва ҳам амалӣ барои мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагӣ, масъалаи таъмини ҷойҳои нави корӣ ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурда шаванд.

Новобаста аз ҷиҳатҳои мусбии автореферати мазкур аз камбудӣ низ эмин нест аз ҷумла:

- хуб мешуд, ки муаллиф агар дар таҳқиқоти худ SWOT-таҳлилро таҳия менамуд, сифату арзиши рисолаи мазкур боз ҳам баландтар мешуд.

Эроди зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии татқиқоти илмии муалифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидааст.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Мукаммалсозии сохтори ҳудудии иқтисодиёт дар асоси модернизатсияи иқтисодиёти минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Амонзода А.Н. арзандаи дараҷаи илмӣ - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи фаъолияти бонкии
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Ҳалимов Л.М.

Имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Адрес**:
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
к. Деҳоти ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
**Телефон:** +992(37) 234-85-46
**Почтаи электронӣ:** mail@ddtt.tj